# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзуи «Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

1. Қабули Конститутсияи даврони соҳибистиқлолии кишвар 6 ноябри соли 1994 ҳамчун ҳуҷҷати дорои эътибори олии ҳуқуқӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ эълон намуд ва самтҳои нави рушди ҷомеаро муайян кард. Арзиши олӣ эътироф намудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ, ҷонибдорӣ аз принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, инчунин эътирофи гуногуншаклии моликият, махсусан моликияти хусусӣ аз ҷумлаи пешравиҳо мебошанд, ки заминаи рушди сифатан нави давлат ва ҷомеа гардиданд. Ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо пазируфтани Тоҷикистон соли 2012 дар муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳифаи наверо боз намуд. Яке аз шартҳои ворид шудан ба ин созмон ин таъсис додани Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон буд, ки он баҳсҳои тиҷоратии байналмилалиро ҳамчун мақоми ғайридавлатӣ баррасӣ намояд. Бо дарназардошти ин 18 марти соли 2015 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» (минбаъд - Қонуни ҶТ АБТ) қабул гардида, худи ҳамон сол дар назди Палатаи савдо ва саноати ҶТ Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Дар Қонуни ҶТ АБТ муқарраротҳое пешбинӣ гардидаанд, ки онҳо зарурати мутобиқ намудани Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии

Тоҷикистон (минбаъд – КМИ ҶТ)-ро ба меъёрҳои Қонуни ҶТ АБТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба миён овард. Аз ҷумла, боби 9 Қонуни ҶТ АБТ ваколатҳои бекор кардани қарорҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратиро дар баъзе ҳолатҳо ба салоҳияти судҳои иқтисодии ҶТ вогузор намудааст. Ғайр аз ин, бо мақсади ба роҳ мондани таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоии ягона, судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки механизмҳои ҳуқуқии эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии дар ҳудуди ҶТ ва ё давлатҳои хориҷӣ қабулшударо дошта бошанд (боби 28 КМИ ҶТ). Ин муқаррароти КМИ ҶТ ба меъёрҳои Конвенсия оид ба эътироф ва мавриди иҷро қарор додани қарорҳои арбитражи хориҷӣ аз 10 июни соли 1958 (Конвенсияи Ню-Йорк) асос меёбанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки таҷрибаи амалисозии муқаррароти Конвенсия дар ҶТ ва берун аз он мавриди таҳлил қарор дода шавад.

Бо мақсади таъмини иҷрои сархати шашуми банди 54 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005, тасдиқ карда шудааст ва мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ба санадҳои байналмилалӣ оид ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, муайян намудани асосҳои назариявӣ ва амалии татбиқи санадҳои зикргардида, гузаронидани чунин таҳқиқот саривақтӣ ва ба мақсад мувофиқ мебошад.

2. Диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад. Диссертатсия кори илмӣ – тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯй мустақилона таҳияшуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назарияи ҳуқуқи гражданӣ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии

ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии унвонҷӯйро нишон медиҳанд.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 – уми январи соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 12 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯй баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода З.Ф., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 – уми Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта,

Комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Зебонисо Файзулло дар мавзуи «Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии

хусусӣ, ки ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– Мирзозода Парвон Зайналобиддин – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ;

– Холмаҳмадзода Солеҳа – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ: Маҳмудзода М.А.

**Аъзои комиссия:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ: Аминова Ф.М.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Қурбонов Қ.Б.

«21» ноябри 2024